آوازتاجیک

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

3 августи соли 2022
Чоршанбе
№ 61 (14866)

сайт http://ovozitojik.uz/,
e-mail: ovozitoj@umail.uz,
ovozi@list.ru

## АКНУН СОҲИБКОРОН ИДОРА БА ИДОРА ГАШТА САРГАРДОН НАМЕШАВАНД

***Технологияҳои рақамӣ на танҳо идоракунии давлат ва ҷомеаро такмил медиҳанд, балки барои одамон дар соҳаи иҷтимоӣ шароити мусоид фароҳам меоранд. Асосиаш он аст, ки барои пешрафти мусбати иқтисодӣ замина муҳайё гардида, бар асари беҳбуди сифати маҳсулот ва хидматрасонӣ хароҷоти зиёдатиро коҳиш медиҳад.***

Дар кишварамон бесабаб ба такмил додани низоми кор бо мушкилоти субъектҳои соҳибкорӣ минбаъд пурзӯр гардондани механизмҳои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии онҳо эътибори калон дода намешавад.

(Давомаш дар саҳ.2).

# ПРЕЗИДЕНТИ ӮЗБЕКИСТОН МУҲИМ БУДАНИ САМАРАБАХШ БА КОР АНДОХТАНИ ИҚТИДОРИ ҲАМКОРИИ БИСЁРҶАНБАРО БО ТУРКИЯ ҚАЙД НАМУД





***Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 2 август ҳайати Ҷумҳурии Туркияро таҳти сарварии вазири корҳои хориҷӣ Мавлуд Чавушӯғли, ки дар шаҳри Тошканд барои иштирок дар мулоқоти нахустини вазирон дар формати «Ӯзбекистон – Озарбойҷон – Туркия» қарор дорад, қабул кард.***

Дар таркиби ҳайати Туркия дар мулоқот инчунин вазири савдо Меҳмет Муш ва вазири нақлиёт ва инфрасохтор Одил Қораисмоилӯғли иштирок карданд.

Масъалаҳои густариши минбаъдаи ҳамкориҳои гуногунҷанбаи байни ду кишвар дар заминаи татбиқи созишномаҳо дар сатҳи олӣ баррасӣ шуданд.

Дар оғоз вазир Мавлуд Чавушӯғли саломи самимӣ ва орзуҳои неки Президенти Туркия Реҷеп Таййип Эрдоғанро ба сарвари давлатамон расонд. Дастгирии ҳамаҷонибаи ҷониби Туркия аз барномаи ислоҳоти иҷтимоию иқтисодӣ ва дигаргуниҳои сиёсӣ дар Ӯзбекистони Нав, инчунин самти сиёсати хориҷии кишвар, ки пеш аз ҳама ба таҳкими муносибатҳои дӯстӣ, некҳамсоягӣ ва эътимод дар минтақа нигаронда шудааст, махсусан қайд карда шуд.

Дар рафти мулоқот ҷонибҳо бо қаноатмандӣ густариши пайвастаи муносибатҳои шарикии ҳамаҷонибаи стратегии Ӯзбекистону Туркия ва амиқтар шудани ҳамкориҳои амалиро қайд намуданд.

Нишондиҳандаҳои савдои мутақобила ва сармоягузорӣ бо суръат афзоиш ёфта, мубодилаи фаъоли башардӯстона идома дорад. Ба таъмини татбиқи созишнома ва қарорҳои роҳбарони Ӯзбекистон ва Туркия, ки ба истифодаи самарабахши иқтидори бузурги ҳамкориҳои дуҷониба, аз ҷумла ба воситаи фаъолгардонии робитаҳои байниминтақавӣ нигаронда шудааст, таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардид.

Муҳимияти тезондани лоиҳаҳои муштарак ва барномаҳои кооператсия дар соҳаи тиҷорат, сармоя, инноватсия, энергетика, саноат, кишоварзӣ, нақлиёт ва логистика, сайёҳӣ ва нигаҳдории тандурустӣ қайд гардид.

Сарвари давлатамон меҳмони олиқадрро ба муносибати бомуваффақият баргузор намудани мулоқоти вазирони корҳои хориҷӣ, савдо ва нақлиёти Ӯзбекистон, Озарбойҷон ва Туркия табрик гуфт.

Инчунин, бинобар рӯзномаи минтақавӣ, аз ҷумла масъалаҳои мусоидат ба таъмини сулҳу субот дар Афғонистон, инчунин омодагӣ ба ҳамоиши дарпешистодаи Созмони давлатҳои туркӣ, ки тирамоҳи соли ҷорӣ дар шаҳри Самарқанд баргузор мегардад, мубодилаи афкор ба амал омад.

**ЎзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.*

# ПРЕЗИДЕНТИ ӮЗБЕКИСТОН АҲАМИЯТИ ГУСТАРИШИ МИНБАЪДАИ ҲАМКОРИИ АМАЛӢ БО ОЗАРБОЙҶОНРО ҚАЙД КАРД



***Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 2 август дар пойтахт ҳайати вакилони Ҷумҳурии Озарбойҷонро, ки дар чорабиниҳои нахустини бисёрҷонибаи мулоқоти вазирони Ӯзбекистон, Озарбойҷон ва Туркия иштирок мекунанд, қабул кард.***

Аз ҷониби Озарбойҷон дар ин мулоқот вазири корҳои хориҷӣ Ҷайҳун Байрамов, вазири иқтисодиёт Микойил Ҷабборов ва вазири рушди рақамӣ ва нақлиёт Рашад Набиев иштирок карданд.

Масъалаҳои рушди минбаъдаи муносибатҳои шарикии стратегии Ӯзбекистону Озарбойҷон ва васеъ гардондани ҳамкории амалӣ мувофиқи тавофуқоти роҳбарони ду давлати бародар мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Дар оғози суҳбат вазири корҳои хориҷии Озарбойҷон саломи самимӣ ва таманноҳои неки Президенти Озарбойҷон Илҳом Алиевро ба сарвари Ӯзбекистон расонд.

Ҷонибҳо бо камоли қаноатмандӣ пешрафти назаррасро пас аз мулоқоти ба қарибӣ дар сатҳи олӣ барпогардида қайд карданд. Моҳи гузашта сафарҳои мутақобилаи ҳайатҳо барои пешбурди лоиҳаҳо дар соҳаҳои нафту газ ва кимиё, кирмакпарварӣ ва дигар самтҳои кишоварзӣ, инчунин доираи барномаҳои миллии саноатикунонӣ фаъолона идома ёфтанд.

Як рӯз пеш дар Тошканд ҷамъомади навбатии Комиссияи байниҳукуматии дуҷониба бомуваффақият баргузор гардид.

Имрӯз дар мулоқоти сарони идораҳои сиёсати хориҷӣ, вазирони тиҷорат ва нақлиёти се кишвар пеш аз ҳама масъалаҳои пешбурди коммуникатсияи самарабахши нақлиётӣ дар минтақа баррасӣ шуданд.

Сарвари давлатамон муҳимияти дастгирии ҳамаҷониба ва тезондани лоиҳа ва барномаҳои ҳамкории мутақобилаи судманд, аз он ҷумла таъсис додани фонди сармоягузории Ӯзбекистону Озарбойҷон, ҳавасмандгардонии раванди роҳандозии робитаҳои корӣ, баргузор намудани Форуми якуми минтақаҳо ва намоишгоҳи саноатӣ, фароҳам овардани шароит барои кооператсия дар пойгоҳи минтақаҳои озоди иқтисодиро алоҳида қайд намуд.

Инчунин масъалаҳои омодагӣ ба ҳамоиши Созмони давлатҳои туркӣ, ки моҳи ноябри соли ҷорӣ дар Ӯзбекистон баргузор мегардад, баррасӣ шуданд.

**ЎзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.*

# ПРЕЗИДЕНТИ ӮЗБЕКИСТОН БО КОМИССАРИ ОЛИИ САҲА САМТҲОИ АСОСИИ ҲАМКОРИРО МУҲОКИМА НАМУД

***Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 2 август Комиссари олии Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) оид ба масъалаҳои ақаллиятҳои миллӣ Қайрат Абдраҳмоновро қабул кард, ки ба мамлакатамон ташриф овардааст.***

Масъалаҳои роҳандозии ҳамкории амалӣ ва ҳамчунин истиқболи татбиқи лоиҳа ва барномаҳои муштарак дар ҷанбаи таъмини мусолиҳаи байнимиллӣ ва рушди устувор баррасӣ гардиданд.

Бо қаноатмандӣ дараҷаи имрӯзаи гуфтугӯи муфид ва ҳамдастии босамар бо институтҳои САҲА аз рӯи самтҳои бартаринок – дар соҳаҳои бехатарӣ, иқтисодиёт ва экология, гуманитарӣ таъкид гардид. Якҷоя «нақшаи роҳ» ба амал татбиқ мегардад, ки қариб 50 чорабиниро баояндаи миёнамуддат пешбинӣ менамояд.

Зимни мулоқот Комиссари олӣ ба сиёсати дар мамлакатамон татбиқшаванда доир ба рушди маданияти таҳаммул ва инсонпарварӣ, таъмини ҳамдигарфаҳмӣ ва мусолиҳаи байнимиллӣ ва шаҳрвандӣ, дар асоси он тарбия намудани насли ҷавон баҳои баланд дод.

Ташаббусҳои Ӯзбекистон дар заминаи мустаҳкам намудани муносибати дӯстона, некҳамсоягӣ ва шарикии бисёрҷанба дар минтақаи Осиёи Марказӣ, ҳамдастӣ ба рушди сулҳомез ва барқарорсозии иқтисодиёти Афғонистон ҷонибдорӣ гардид.

Дар бобати баргузор намудани чандин чорабинии муштарак – семинари минтақавӣ оид ба масъалаҳои таъмини мусолиҳаи байнимиллӣ ва тақдимоти таҷрибаи байналхалқӣ ва тавсияҳои САҲА, инчунин иштироки ҳайати Ӯзбекистон дар «мизи мудаввар» оид ба масъалаҳои муносибати байнимиллӣ аҳду паймон ба амал омад.

Инчунин татбиқи лоиҳаҳо дар соҳаи таълими бисёрзабонӣ, аз он ҷумла дар доираи Барномаи таълимии Осиёи Марказӣ пешбинӣ мегардад.

**ЎзА.**

# ҶАМЪОМАДИ ЯКУМИ МУЛОҚОТИ ВАЗИРОН ДАР ТАРКИБИ «ӮЗБЕКИСТОН – ОЗАРБОЙҶОН – ТУРКИЯ»

***Дар аввалин ҷамъомад дар Тошканд мулоқот дар андозаи «Ӯзбекистон – Озарбойҷон – Туркия» роҳбарони вазоратҳои се давлат, масъулони масъалаҳои сиёсати хориҷӣ, савдо, иқтисодиёт ва нақлиёт иштирок намуданд.***

Дар аввали чорабинӣ иҷрокунандаи вазифаи вазири корҳои хориҷии Ӯзбекистон Владимир Норов таъкид кард, ки ин масъала бо назардошти муносибот ва ҷараёнҳои байналхалқӣ дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ беш аз ҳарвақта муҳим мебошад.

Таъкид шуд, ки гуфтугӯи пурмуҳтавое, ки байни роҳбарони Ӯзбекистон, Озарбойҷон ва Туркия барқарор гаштааст, дар рушди муносиботе, ки дар асоси принсипҳои боварии калон, эҳтироми ҳамдигар ва дастгирӣ ташаккул ёфтааст, чун омили муҳим хидмат менамояд.

Дар ҷараёни анҷуман масъалаи минбаъд мустаҳкам намудани шарикии стратегӣ дар сиёсати минтақавӣ ва байналхалқӣ, соҳаҳои савдо, иқтисодиёт, сармоя ва нақлиёт дар меҳвари баррасӣ қарор дошт.

Дар панҷ соли охир табодули мол байни Ӯзбекистон ва Озарбойҷон 7 баробар афзуд, бо Туркия бошад ба 2,5 баробар зиёд гардид. Барои идома додани ин анъанаи нек изҳори умед гардид.

– Нишондоди бадастомадаи ҳамкории иқтисодии Ӯзбекистон ва Туркия ҳанӯз ба зарфияти мавҷуда мувофиқат намекунад, – гуфт В.Норов. – Ҳамзамон барои пурра истифода намудани шарикии мавриди таваҷҷуҳи ҳамдигар тамоми шароит вуҷуд дорад.

Барои мамлакатҳоямон муҳим будани истифодаи зарфияти транзити роҳи оҳани «Боку – Тбилиси – Карс» якдилона дастгирӣ гардид.

Таъкид шуд, ки дар Анҷумани байналхалқӣ доир ба Афғонистон, ки ба қарибӣ дар пойтахтамон баргузор гардид, намояндагони ҷунбиши «Толибон» эътироф карданд, ки сохтмони роҳи оҳани «Тирмиз – Мазори Шариф – Кобул – Пешовар» барои таъмини суботнокӣ дар Афғонистон мусоидат хоҳад кард.

(Давомаш дар саҳ.2).

# САФАР БО НАТИҶАҲОИ ЗИЁД АНҶОМ ПАЗИРУФТ

***Зимни як сафари ҳайати вилояти Фарғона таҳти раёсати Хайрулло Бозоров ба Олмон ва Австрия бо маблағи умумии 238,9 миллион доллари амрикоӣ 8 шартномаи сармоягузорӣ ва содиротӣ ба имзо расид.***



Дар ҷараёни сафар аъзои ҳайати мазкур дар шаҳрҳои Франкфурт ва Нюрнберги Олмон ва дар шаҳри Гмундени Австрия бо ходимони ниҳодҳои молиявӣ, ширкатҳои тиббӣ, саноатӣ ва кишоварзӣ дидору мулоқотҳо ва музокирот анҷом додаанд.

Аз ҷумла, 4 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи 232 миллион доллар ва 3 шартномаи содиротӣ бо сармояи 6,9 миллион доллар, инчунин 1 созишномаи ҳамкорӣ дар ин сафар имзо шудааст. Гузашта аз ин, ҷонибҳо ба тавофуқ расидаанд, ки дар Фарғона маркази диагностикаи тиббии аз ҳар нигоҳ муҷаҳҳазу замонавӣ арзи вуҷуд хоҳад кард.

Ҷиҳати истеҳсоли сими мис, лӯлаҳо ва маҳсулоти фолгавӣ як лоиҳа бо маблағи умумии 169 миллион доллари ИМА низ ба имзо расидааст. Ин лоиҳа дар ҳудуди Минтақаи озоди иқтисодии "Қӯқанд" мавриди татбиқ қарор дода мешавад. Тибқи боз як тавофуқ пешбинӣ шудааст, ки меваю сабзавоти хушки истеҳсоли вилояти Фарғона вориди бозорҳои Олмон хоҳанд шуд.

Дар натиҷаи гуфтушунидҳои байни ширкати «JES Green Line Gmbh» ва ҶММ «ИЛЯСОВ», ки бахше аз ширкати холдингии «Марафон Групп»-ро ташкил мекунад, бо арзиши 5 миллион доллар шартномаҳои содиротӣ ба имзо расидааст.

Ҳамаи ин гуфтушунидҳо дарояндаи наздик барои роҳандозии ҳамкориҳои мутақобилан судманд хеле мусоидат хоҳанд кард.

Ин ҳайат пеш аз бозгашт дар намоишгоҳи кишоварзӣ ва хӯроквории «BIOFACH-2022»-и Нюрнберг ширкат варзидааст.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири "Овози тоҷик".**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

# АКНУН СОҲИБКОРОН ИДОРА БА ИДОРА ГАШТА САРГАРДОН НАМЕШАВАНД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Зеро технологияҳои рақамӣ аз ҳаёти мо чунон мустаҳкам ҷой гирифтаанд, ки имрӯз на танҳо фаъолияти ҳаррӯза, балки рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодиро бе онҳо тасаввур кардан ғайриимкон аст. Рушди густурдаи технологияҳои рақамӣ соҳибкоронро аз мушкилоти ташвишовари идора ба идора гаштан наҷот медиҳад. Дар натиҷа, соҳибкор вақти худро барои рушди тиҷорат ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ сарф мекунад.

Фармони сарвари давлат аз 27 июли соли равон «Дар бораи ҷорӣ намудани низоми самарабахши мулоқот бо субъектҳои соҳибкорӣ ва чораҳои боз ҳам пурзӯр намудани ҳифзи ҳуқуқи онҳо» аз ҷониби ҳазорон нафар соҳибкорон бо шодии зиёд пешвоз гирифта шуд.

Бо ҳуҷҷати мазкур вакил оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии субъектҳои соҳибкорӣ, вазорати рушди иқтисодӣ ва коҳиш додани камбизоатӣ инчунин портали ягонаи интерактивии "business.gov.uz"-и Палатаи савдою саноат ба портали иттилоотии «Идораи виртуалии соҳибкор» табдил дода шуд.

Минбаъд ба воситаи шабу рӯз қабул кардани муроҷиатҳои субъектҳои соҳибкорӣ, ҳаллу назорат кардани ин раванд, дар байни мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳо инчунин субъектҳои соҳибкорӣ гузарондани мубоҳисаҳои мавзӯии онлайнӣ ва пурсишҳо оид ба муайян намудани мушкилоти низомнок, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ монеъ мегарданд, бартараф намудани онҳо пешниҳодҳо ташаккул дода мешаванд.

Аз 1 августи соли ҷорӣ сар карда ба портал дар асоси муроҷиатҳое, ки дар қабулҳои сайёр аз субъектҳои соҳибкорӣ, хидмати «Call-марказ»-и назди Палатаи савдою саноат, вакил оид ба ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон - соҳибкорон расидаанд, муроҷиатҳо ворид карда мешаванд.

Дар баробари ин, ёварони ҳокимони ноҳия (шаҳр) оид ба рушди соҳибкорӣ дар маҳалла, таъмини шуғли аҳолӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ низ метавонанд муроҷиат намоянд. Дар ин росто, ёварони ҳоким муроҷиати субъектҳои соҳибкориро дар худи маҳалла баррасӣ намуда, барои ҳалли он чораҳо меандешанд. Агар имконияти дар сатҳи маҳалла ҳал намудан вуҷуд надошта бошад, он ба портал ворид карда мешавад.

Муроҷиатҳои ба портал воридшуда бошад, ба таври автоматӣ ё аз ҷониби вакил оид ба ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон ба мақомоти дахлдори ваколатдор барои баррасӣ ва ҳаллу фасл равона карда мешавад.

Тибқи фармон тасдиқ карда шудани схемаи ба воситаи портали иттилоотии «Идораи виртуалии соҳибкор» қабул кардан, умумӣ гардондан ва назорат кардани муроҷиатҳои субъектҳои соҳибкорӣ айни муддао шуд. Ин низом вақту пули соҳибкоронро сарфа мекунад. Аз ҳама муҳимаш соҳибкорон бо мушкили худ идора ба идора саргардон намешаванд.

Бо ин фармони Сарвари давлатамон муайян шудааст, ки вакил оид ба ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон дар ҳамкорӣ бо Палатаи савдою саноат ва дигар мақомоти манфиатдор оид ба қонунӣ будани санҷишҳое, ки дар субъектҳои соҳибкорӣ гузаронда шуданд ва бинобар вазъи иҷрои ҳуҷҷатҳои қонунгузории соҳаи соҳибкорӣ омӯзиш мегузаронад, ки ба маънои том намояндагони тиҷоратро ба ба фаъолӣ даъват намуда, ба ҷунбиш меорад.

Албатта, агар барои озодона кор кардани шахси соҳибкору кордон шароити зарурӣ фароҳам оварда шавад, фаъолияти ӯ вусъат меёбад. Дар кишварамон таҳти роҳбарии Сарвари давлат ба соҳибкорон дар рушди соҳа имконияту шароити мусоид фароҳам оварда мешавад. Роҳбарони тамоми сатҳҳо ба ҳарфҳои соҳибкорон гӯш медиҳанд, мушкилоти онҳоро мешунаванд ва роҳҳои ҳалли онҳоро пешниҳод мекунанд.

Ба як сухан ифода намоем, садҳо нафар дар тиҷорати хурду миёна на бо тарсу ҳарос, балки бо боварии қатъӣ ва ҳадафҳои бузург ба кор шурӯъ мекунанд, зеро имтиёзҳо зиёд шуда, барои фаъолияти пурсамари соҳибкорон тамоми чораҳо андешида мешаванд. Фармони мазкур бешубҳа, ба рушди тиҷорат дар кишвар, ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон, аз ҳама муҳимаш, ба ташкил карда шудани ҳазорҳо субъектҳои соҳибкорӣ хидмат мекунад.

**Ботирбек ТӮРАЗОДА,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

# МАБЛАҒИ ЗИЁД НОДУРУСТ ИСТИФОДА ШУДААСТ

***Ба иттилои дафтари матбуоти Агентии мубориза бо коррупсия дар вилояти Қашқадарё аз маблағи барои ба соҳибкорон додани кредит ихтисосдодашуда ғайримақсад истифода сурат гирифтааст. Тавре ки сухангӯи ин агентӣ Дурдона Очилова мегӯяд, зимни корҳои омӯзишӣ дар ин вилоят маълум шуд, ки қарори Президенти Ӯзбекистон "Дар бораи чораву тадбирҳои исловагии истифодаи босамари замин, инчунин дастгирии молиявӣ аз ташаббусҳои ба соҳибкорӣ шуғл варзидани аҳолӣ" дуруст мавриди корбаст қарор нагирифтааст. Ҳол он ки дар ин қарор ғояи "Ҳар як оила – соҳибкор" ҷиддан талқин шудааст.***

– Санҷиш нишон дод, ки маблағҳои ҷудошуда дар ин самт бидуни мақсад истифода шудаанд ва маводу маҳсулоте, ки мебоист ташкилотҳои марбута барои шаҳрвандон таслим намоянд, ба дасти онҳо нарасидааст. Хусусан, дар семоҳаи аввали соли 2022 ба воситаи се бонки тиҷоратӣ (Бонки халқӣ, Агробанк, Микрокредитбанк) барои 392 нафар мизоҷ 11 миллиарду 548 миллион сӯм маблағ ҷудо намудааст, ки ба воситаи 15 интиқолдиҳанда бояд ба соҳибкорон бирасад. Аммо дар санадҳои қабули молу маводи аз ҳисоби ин маблағҳо фиристодашуда ягон қайд мавҷуд нест, – меафзояд Дурдона Очилова.

Ба таъкиди мавсуф натиҷа нишон медиҳад, ки дар истифодаи ин маблағҳо ба бесарусомониҳо роҳ додаанд. Ба таври мисол, филиали бонки саҳҳомӣ-тиҷоратии "Микрокредитбанк" дар Бешкент ба шаҳрванд М.Э. 33 миллион сӯм ҷудо кардааст, ки ба воситаи он ба ин шаҳрванд 60 сар харгӯш диҳанд. Ҳамчунин ба ин миқдор маблағро ба шаҳрванд Г.Б. ихтисос додаанд, ки ба парвариши моҳӣ машғул шавад. Аммо на аз маблағ дарак шудааст ва на аз харгӯш ва моҳӣ.

– Чунин ҳодисаҳо дар ҷойҳои дигар низ такрор шудаанд. Дар ҶДММ «S.T.G.» тавассути 3 бонк ба 48 нафар шаҳрвандон 1 миллиарду 412 миллион сӯм ҷудо карда шудааст. Бо ин маблағ соҳибкоронро лозим меомад, ки занбӯри асал, парранда ва гӯсфанд харида, парвариш намоянд. Ин маблағ боз барои харидани мотор-культиватор, мошини дарздӯзӣ, компютер барин технологияи наву замонавӣ масраф мегардид. Аммо дар ин самт низ кредит бидуни мақсад истифода шудааст ва ҳеч як соҳибкор аз ин қадар сармоя баҳраманд нагардидааст, – қайд мекунад Дурдона Очилова.

Бино ба ин манбаъ, ҳуҷҷатҳое, ки дар ҷараёни тафтишот ҷамъоварӣ шудааст, барои аз равзанаи ҳуқуқӣ арзёбӣ кардан ба идораи мубориза бо ҷиноятҳои иқтисодии назди Прокуратураи генералии ҷумҳурӣ ирсол гардидааст. Гуфта мешавад, ки додситонӣ дар айни ҳол дар муқобили роҳбарони панҷ корхонаи расонандагони ин маводу маҳсулот ва таҷҳизоти вилояти Қашқадарё парвандаҳои ҷиноӣ боз кардааст ва онҳо дар қонуншиканӣ гумонбар шудаанд.

Интизор меравад, ки вайронкунандагони қонун тибқи моддаҳои Кодекси ҷиноӣ муҷозот мешаванд ва ин барои дигарон намунаи ибрат мегардад.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири "Овози тоҷик".**

# ҶАМЪОМАДИ ЯКУМИ МУЛОҚОТИ ВАЗИРОН ДАР ТАРКИБИ «ӮЗБЕКИСТОН – ОЗАРБОЙҶОН – ТУРКИЯ»

(Аввалаш дар саҳ.1).

– Зимни татбиқи ин лоиҳа байни минтақаҳои бузург ба таври эҳсосшаванда муддат ва нархи ҳамлу нақли молро аз тариқи Осиёи Марказӣ кам менамояд, – идома дод суханони худро роҳбари идораи сиёсати хориҷии ҷумҳурии мо. – Барои мамлакатамон имконоти ба бозори Осиёи Ҷанубӣ дохил гардидан фароҳам меояд, ки аҳолии он 1,9 миллиард нафар, маҷмӯи маҳсулоти дохилиаш 3,5 триллион долларро ташкил менамояд.

Дар ҷамъомад вазири корҳои хориҷии Озарбойҷон Ҷайҳун Байрамов таъкид кард, ки ҷониби Озарбойҷон омода аст, ки чунин платформаро фаъолона дастгирӣ намояд ва пешбарӣ кунад, ки ба муштаракоти назарҳо ва эҳтироми ҳамдигар асос меёбад.

– Ҳамкории Озарбойҷон, Ӯзбекистон ва Туркия бо риштаҳои ягонаи таърих ва маданият пайвастаанд, – гуфт Ҷ.Байрамов. – Чунин вазъият барои рушди минбаъдаи робитаҳои стратегии сеҷониба мусоидат хоҳад намуд.

Дар ин ҷараён бояд ҷавононро бо мероси муштараки таърихӣ шинос намуд, барои вусъат додани алоқаҳои маданиву гуманитарӣ байни Тошканд, Боку ва Анқара ҳарчи зудтар силсилаи барномаҳои ҷаҳонгардиро таҳия кард.

Дар навбати худ вазири корҳои хориҷии Туркия Мавлуд Чавушӯғли ба он эътибор нигаронд, ки Осиё ва Аврупо ин майдони бузурги савдо аст ва давлатҳоямон дар маркази чунин як ҷараёни тиҷоратӣ бояд бошанд.

– Даҳлези миёна ва роҳҳои транзитӣ аз тариқи баҳри Каспий бо самаранокии иқтисодӣ ва амнияташ фарқ мекунад, – гуфт роҳбари идораи сиёсати хориҷии Туркияи дӯст. – Барқарор намудани роҳи қадимӣ ва фавқулодда муҳими тиҷоратии Роҳи бузурги абрешим дунёи туркро боз ҳам муттаҳид месозад.

Дар мулоқот пешниҳодот ва ташаббусҳо дар бобати вусъат додани ҳамкории муфиди тарафайн дар самтҳои мухталиф таҳия гардиданд.

Дар поёни мулоқот Декларатсияи Тошканд қабул гардид.

**Беҳрӯз ХУДОЙБЕРДИЕВ,**
**хабарнигори ӮзА.**

## *ХАБАРҲО*

### КӮМАКИ ҶОПОН БА СОХТОРИ ТИББИИ МО

***Назар ба хабари сафоратхонаи Ҷопон дар Ӯзбекистон, ҳукумати ин мамлакат ба диёри мо дар доираи кӯмаки беғаразонаи иқтисодию иҷтимоӣ барои томографияи компютерӣ се адад сканер ва контейнери диагностикӣ-тиббии сайёрро, ки бо истифода аз технологияҳои асрӣ офарида шудааст, тақдим намуд.***

Дар маросими супурда шудани ускунаҳои тиббӣ вазири тандурустии Ӯзбекистон Беҳзод Мӯсоев, сафири Ҷопон Ёшинори Фуҷияма, узви парлумони Ҷопон Кейдзи Фуруя ва дигарон иштирок намуданд.

Кишвари офтоббаро ва Ӯзбекистон ҳануз моҳи июни соли 2020 ба нотаҳое имзо гузоштанд, ки ба масъалаҳои молиявӣ дар шароити пандемия мутааллиқ буданд. Мақсади лоиҳа аз мубориза алайҳи коронавирус ва пешгирии паҳншавии бемориҳои сирояткунанда, боз ҳам мустаҳкамсозии сохтори тиббӣ дар диёри мо иборат буд. Дар доираи ҳамин лоиҳа тавассути Агентии ҳамкории байналхалқии Ҷопон ба Ӯзбекистон аппаратҳои рентген барои муассисаҳои табобатӣ, ҳамчунин дорувор барои рафъи вируси тоҷдор фиристода шуда буданд.

### ЛОИҲАҲОИ МУШТАРАКИ САРМОЯВИИ ДУ МАМЛАКАТ

***Ӯзбекистон ва Озарбойҷон ният доранд лоиҳаҳои муштаракеро ба амал татбиқ намоянд, ки арзиши умумии онҳо бештар аз 500 миллион доллар мебошад. Дар ҷамъомади комиссияи байниҳукуматӣ, ки рӯзи 1 август рӯи кор омад, аз ҳамин хусус сухан рафт.***

Назар ба таъкиди ҳамраиси комиссия, ҷонишини сарвазир, вазири сармоя ва савдои берунӣ Ҷамшед Хоҷаев, қарор карда шуд дар давоми як ҳафта "харитаи роҳ" тартиб дода шавад, ки барои зудтар ташкил кардани фонд нигаронида шудааст.

Аснои ташрифи Президенти Озарбойҷон Илҳом Алиев ба Ӯзбекистон ҷонибҳо оиди соҳаҳои нафту газ, саноати кимё ва бофандагӣ, ҳамчунин риштаи кишоварзӣ пакети ҳуҷҷатҳоеро ба имзо расонда буданд, ки бештар аз ним миллиард доллари ИМА арзиш доранд.

### ТАЛАБОТ БА АВТОМОБИЛ МЕАФЗОЯД

***Навъе аз ҷониби Маркази иқтисодии тадқиқот ва ислоҳот маълум карда шуд, дар нимсолаи аввали соли равон дар Ӯзбекистон талабот ба автомобил ба дараҷаи ҳисшаванда зиёд шудааст.***

Тӯли 6 моҳи соли равон дар ҷумҳурии мо хариду фурӯши зиёда аз 712 ҳазор адад сабукрав ба амал баромадааст. Ин назар ба ҳамин давраи соли гузашта 2,1 баробар зиёд аст.

Гармии бозори автомобил дар ҳамаи ҳудудҳо ба назар мерасад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, талабот ба автомобил хусусан дар вилоятҳои Андиҷон, Намангон ва Бухоро хеле боло рафтааст.

Шартномаҳои хариду фурӯши воситаҳои нақлиёти хориҷӣ дар давоми январ-июли соли равон 9,8 ҳазор ададро ташкил намуд, ки ин назар ба порсола 1,5 баробар зиёд аст. Наздик 51 фоизи савдои сабукравҳои хориҷӣ ба ҳиссаи шаҳри Тошканд мувофиқ меояд.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири "Овози тоҷик".**

***Ин тадбир дар вилоят соли 1996 ибтидо гирифта, чоряк аср боз баргузор мегардад. Ба туфайли ҳамин озмун навъҳои гуногуни харбуза аз қабили «Баргинай», «Амирӣ», «Наботӣ», «Каллабӯрӣ», «Даҳбедӣ», «Шерозӣ», «Гулобӣ», ки дар вилоят хавфи азбайнравӣ доштанд, аз нав эҳё шуданд.***

# «САЙРИ ХАРБУЗА» ДАР БУХОРО




Ба қарибӣ хиёбони фавворахои ба номи Абӯалӣ ибни Синои шаҳри Бухоро ва атрофи он намуди идона дошт. Дар ин ҷо барои намояндагони ноҳияҳои вилоят ҷои махсус ҷудо гардида, он ҷо дастаҳои ҳунарии фолклории ин ноҳияҳо дар давоми чорабинии дурӯза табъи ояндагонро бо рақсу сурудҳои дилнишини худ хуш карданд. Беш аз 400 нафар фермерон бо маҳсули дастони полизкорон – 1800 тонна харбузаю тарбузҳои пуршаҳду шакар ба дастархони шаҳриён файз бахшиданд. Дар ин ҷо барои фурӯши меваю сабзавот ва асали занбӯриасалпарварон низ имконият фароҳам оварда шудааст.Ташкилкунандагони тадбир мувофиқи шартҳои озмун-азназаргузаронӣ дар давоми ду рӯз сифати маҳсулот ва ҷараёнҳои бо он алоқамандро санҷида, ба ҳар як иштироккунанда баҳо гузоштанд. Дар маросими тантанавии пӯшидашавии «Сайри харбуза» мутасаддиёни соҳа, роҳбарони секторҳо, деҳқонон, роҳбарони хоҷагиҳои фермерӣ ва аҳли ҷамоат иштирок карданд. Ғолибони чорабинӣ ҳавасманд гардонда шуданд. Аз ҷумла, ғолибони байниноҳиявӣ – Ромитан, Когон ва Вобканд бо яхдонҳои замонавӣ,ба соҳибони ҷои дуюм – ноҳияҳои Ғиждувон, Шофиркон ва Бухоро, инчунин ҷои сеюм – ноҳияҳои Қарокӯлу Қаравулбозор телевизори гаронбаҳо инъом гардид. Байни фермерон ҷои аввал ба роҳбари ҶММ «Султон Алӣ Раҳмат интенсив боғ қурилиш»-и ҳудуди Мустақиллики ноҳияи Пешкӯ Исмоил Бӯронов насиб кард ва вай соҳиби мотосикли боркашони «Лочин» гардид. Ба ҷои дуюм роҳбари хоҷагии фермерии «Элмурод Дӯст-мурод Шаҳриёр»-и но-ҳияи Ҷондор Дӯстмурод Боймуродов ва ба ҷои сеюм роҳбари хоҷагии деҳқонии «Мухторов Шафоғат»-и ҳудуди Чорбоғи ноҳияи Олот Шафоғат Мухторов соҳиб шуданд. Дар тадбир ҳокими вилоят Ботир Зарифов иштирок кард.



**Амрулло АВЕЗОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

# АЗ ЗИЁРАТИ ҲАҶ БАРГАШТАНД

***Дар тӯли як моҳ иддае аз ҳамватанони мо ба зиёрати Ҳаҷи муборак рафта, ба тавофи Каъба мушарраф гардиданд. Инак, онҳо ба Ватани азиз баргашта, ба ин рӯзҳои хурраму осуда ҳазорон бор шукрона мегӯянд. Бо раҳнамоии Президент Шавкат Мирзиёев онҳо барои ба ҷо овардани рукни панҷуми дини ислом – зиёрати Маккаву Мадинаи муқаддас имкон пайдо намуданд.***

Имсол аз вилояти Ҷиззах 450 нафар ба зиёрати Ҳаҷ рафтанд, ки дар бозгашт онҳоро ботантана пешвоз мегиранд.

– Дар вақти адои зиёрат дар ҳаққи ободиву гулгулшукуфии Ватани азизамон, фаровонии рӯзгори мардум ва сиҳату саломатии Сарвари дурандеши кишварамон даст ба дуо бардоштем, – мегӯяд сокини маҳаллаи «Хонандӣ»-и ноҳияи Фориш Бибихадича Ханҷарова. – Шукри Худованд, ки ба Ватан баргаштем, фарзандон моро гарм истиқбол гирифтанд, набераҳои ширинро навозиш намудам. Дар ҷомеа ҷавононро ҳамеша ба роҳи рост ҳидоят хоҳем кард.

Хешовандони Б. Ханҷарова дар деҳаҳои Моҷарму Андаген умр ба сар мебаранд. Чунончӣ, Бибихадича келини яке аз омӯзгорони деҳаи Моҷарм Қирон Ханҷаров мебошад. Шавҳараш дар айни ҷавонӣ бар асари садама аз олам чашм пӯшид. Саробониву парастории ду писару як духтар аз ҳамон дам бар дӯши Бибихадича афтид. Ӯ бо сабру қаноат онҳоро ба камол расонд.

Модари раҳматиаш Норбибӣ Бобоева гӯяндаи сурудҳои халқӣ аз деҳаи Андаген буда, кӯшишҳои ӯ барои фазлу камоли Бибихадича бетаъсир намондааст.

Ба муносибати аз зиёрати Ҳаҷ баргашта омадани Бибихадича ҳамаи наздикон, пайвандон гирд омаданд.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

Сироҷиддин САЙЙИД

## КАЛУШҲО

*Будааст ин қадар сахт,*
*Эй модарам,болишҳот.*
*Нарафт аз пеши чашмам,*
*Модари ҷон, калушҳот.*

*Калушҳо дар остона,*
*Мисле як ҷуфти абгор.*
*Ба чашми дунё тобанд*
*Гунаҳкору гунаҳдор.*

*Зиҳам ман агарчи, даст*
*Ҳам рўяш пазмоншавон.*
*Он калушон дар даҳлез*
*Бихобанд андўҳкашон.*

*Бар калушҳо, валекин,*
*Ҳамааш гўё аён.*
*Дард аз модар чун пурсам,*
*Ҳоли ў дорам пинҳон?*

*Гарчи лолу безабон,*
*Хомўшанду беозор.*
*Аз дарду ҳиҷрони ман,*
*Онҳо гўё хабардор.*

*Аз оби чашми модар,*
*Шаванд он болишҳо нам.*
*Дар назари ман шабҳо,*
*Гирянд он калушҳо ҳам.*

*Онҳо ҳам гўё маро,*
*Фикркунон дармонанд.*
*Аз бахту бебахтиам,*
*Қиссаҳо ҳамехонанд.*

*Девори пазмониҳо,*
*Фурў рафта зи борон.*
*Онҳо ҳам чун модарам,*
*Ба роҳи ман нигорон.*

*Наандўхтам мол, аммо,*
*Ба ташнагон сой додам.*
*Як дил маро буду лек,*
*Ман онро ҳам бой додам.*

*Дар ин дунё,ниҳоят,*
*Донам як ҳикмат шояд.*
*Калушҳо бар рў молон*
*Гирякуниам ояд.*

*Калушҳои модарам...*
*З-онҳо умронаам қарз.*
*Патакҳо молон ба чашм,*
*Гар бимирам биарзад!*

*Тарҷумаи*
***Ш. МУҲАММАД.***




*Гидроиншооти «Дўстлик-1», ки дар нуқтаи ПК-252-юми канали магистралии «Дўстлик»-и тобеи идораи сохтори ирригатсияи «Қизкеткен – Кегейлӣ»-и ноҳияи Нукуси Ҷумҳурии Қарақалпоқистон мавқеъ гузидааст, соли 1955-ум ба истифода дода шуда буд. Гидроузел иншооти асосиест, ки тавассути каналҳои «Кегейли», «Қуванишҷарма», «Кук-узак» ва «Естек» беш аз 161 ҳазор гектар замини навоҳии Нуқус, Кегейлӣ, Чимбой, Бўзатов, Қараузак ва Тахтакўпирро обёрӣ мекунад.*

*Ҳоло дар иншооти асосии обтақсимкунии канали «Кегейлӣ»-и гидроузел бино ба таъмир ва ҷорӣ кардани сохтори идораи автоматӣ корҳои васеъмиқёс анҷом дода мешаванд.*

***Дар акс:** ходимони иншоот дар сари кор.*

***Аксбардор: М. ҲАБИБУЛЛОЕВ (ЎзА).***

# ДУОИ МОДАР МУСТАҶОБ ГАРДАД

Ваҳҳобҷон дар ҳар ду-се рўз пеш аз кор ба сўи ҳавлии падарӣ мешитобад. Ғайр аз ў ин одатро бародаронаш – Усмонҷон, Ҳотамалӣ ва Иброҳим низ ба касби доимии худ табдил додаанд: субҳ пеши модар меоянд, ҳолу аҳволашро мепурсанд ва баъди дуои модар машғули кори рўзмарраи худ мешаванд. Дар хонаи падарӣ фарзанди хурдӣ – Раҳимҷон бо зану фарзандонаш зиндагӣ мекунад ва чароғи ин хонадонро фурўзон нигаҳ медорад.

Ваҳҳобҷон аз мошинҳои назди дарвозаи ҳавлии падар дарёфт, ки бародарон низ дар ҳузури модар ҳастанд. Ў аз мошин фаромад ва вориди ҳавлӣ шуд.

Дар ин фасли тобистон ҳама рўи кати зери дарахт нишаста буданд.

– Ассалому алайкум, модарҷон. Субҳатон ба хайр! Саломатиатон хуб аст? Ҳамаи шумо низ хубед?

– Ваалайкум ассалом. Биё, писарам, хуш омадӣ. Шукри Худованд, ки ману бародаронат хубем, ҷои ташвиш нест. Худат чӣ хел? Корҳоят нағз-мӣ? Ҳамсарат чӣ ҳол дорад? Духтару писар ва набераҳоят тинҷу осуда ҳастанд? – ин суолҳое буданд, ки тақрибан зимни ба назди модар рафтан Ваҳҳобҷон бо такаллуфи хос ба он ҳамеша посух медод.

Модар вайро ба канор кашид ва бо имои чашм ҷои нишасти ўро нишон дод. Ваҳҳобҷон болои кўрпачаи нарм, рў ба рўи модар нишаст.

– Худованди бузургу мутаъол ҳамаи шуморо дар паноҳи исматаш нигаҳ дорад, ҳамеша барори коратона диҳад, ҳаргиз хору зори дигарон накунад, – гуфт модар ва ҳама даст ба рў кашиданд. – Ҳафтаи оянда апаатон Мавлуда набераашро суннаттўй мекардааст. Дирўз худаш наздам омада ин ҳамаро гуфта рафт. Умедворам, ки ҳама якдилу якҷон дар тўйи суннатии набераաш иштирок мекунед. Аз ман ҳам хоҳиш кард, ки рафта як кунҷи хонаашро ишғол кунам. Мавлуда гуфт, ки ман он ҷо бошам, файзу баракати тўяш меафзудааст. Ба ҳаминаш ҳам шукр, ки бо ин солхўрдагӣ ҳамаатон ҳурматамро ба ҷо мереду инҷиқиҳоямро мебардоред,– афзуд Саломатхола.

Баъд сари як пиёла чой бародарон дар ҳузури модари пиронсол аз ину он гарм суҳбат карданд. Онҳо кўшиш мекарданд, ки хотири модар ҷамъ ва табъаш чоқ бошад...

– Динаякак мо гандумро даравидаву ғалларо ба анбор интиқол додем. Ҳосил нисбати соли гузашта ба 8-10 фоиз зиёд баромад. Меҳнати коргаронамон зоеъ нарафт. Нақшаҳои давлативу шартномавиро пурра иҷро кардем. Панҷ-шаш тонна ғалларо ба коргарон тақсим карда додем. Акнун навбати обёрии майдонҳои кишти картошка аст,– гуфт бародари калонӣ Усмонҷон, ки сардори хоҷагии фермерӣ мебошад.

Дар ихтиёри ў даҳ гектар замини корам ва як гектар боғ мавҷуд аст. Усмонҷон аз нахустин роҳбарони хоҷагии фермерии хоҷагии ҷамоавии “Ҳушёр”-и ноҳияи Сўх мебошад. Бештар аз бист сол боз ба кишту парвариши ғаллаву картошка машғул аст. Дар боғи хоҷагии фермериаш дарахтони гуногуни мевадиҳанда парвариш меёбанд.

Ваҳҳобҷон гуфт, ки натиҷаи дорупошии аввали фасли баҳор самари худро медиҳад ва аз ҳосили пурбор ба зери шоххои дарахтони себу зардолу ва шафтолуву нок чанд поя гузошта баромаданд, вагарна шоххо аз серборӣ мешикананд.

Иброҳим ва Ҳотамалӣ дар синну сол аз Ваҳҳобҷон хурданд. Иброҳим ҳамроҳи писараш ба касби соҳибкорӣ машғул аст ва аз ин ҳисоб рўзгорашро пеш мебарад. Ҳотамалӣ корманди соҳаи нақлиёт мебошад. Вай солҳои дароз дар яке аз корхонаҳои автомобилии марбути обанбори Сўх фаъолият мекунад.

Шавҳари Саломатхола Раҳмонамак тамоми умр корманди соҳаи савдо шуда кор кардааст. То охири ҳаёташ, ки ба аввали солҳои ҳаштодуми қарни гузашта рост меояд, ба ҳайси мудири мағозаи гуногунҷабҳа ифои вазифа намудааст. Баъди фавти шавҳар холаи Саломат фарзандонашро бо меҳнат ва арақи ҷабин калон кардаву соҳиби хонаву дар намудааст. Ҳоло аз пиронсолтарини бошандагони се ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаҳои Ҳушёр, Себзор ва Қақири ноҳия маҳсуб меёбад. Вай як аср умр дидааст ва ҳанўз солиму бардам аст.

– Теъдоди набераву аберагони модарам қариб ба 70 нафар расидааст. Он кас соҳиби хотираи қавӣ мебошанд ва номи аксарияти набераву аберагонашонро фаромўш накардаанд. Шояд дуоҳои неки модарам аст, ки кори ҳамаи мо – фарзандонашон бо муваффақият пеш меравад,– мегўяд Ваҳҳобҷон Ашўров.

Ҳамсуҳбати мо техникуми молияи шаҳри Душанберо хатм намудааст. Солҳои зиёд дар хоҷагии ҷамоавии “Ҳушёр” вазифаҳои гуногунро бар дўш доштааст. Аввал сардори бригадаи картошкапарварӣ, баъд сардори шўъба шуда кор кардааст.

– Дар ихтиёри ман ҳоло се гектар боғ мавҷуд буда, солона аз он даромади хуб ба даст меорам. Панҷ нафар коргари доимӣ ва 15 нафар коргарони мавсимӣ машғули меҳнат мебошанд. Ниҳолҳои як қисмати ин боғро ба наздикӣ нав кардем. Зеро дарахтони себу нок ва зардолу пир шудаву аз ҳосил монданд. Аз шаҳри Андиҷон бо нархи қимат ниҳолҳои нисбатан калонро харида овардем. Ҳоло пеши ин ниҳолҳо ба ҳосил даромадааст,– мегўяд В. Ашўров.

– Далели ба боғпарварӣ руҷўъ кардани як қатор хоҷагиҳои қаблан зироаткори ноҳияи Сўх дар он мебошад, ки эҳтиёҷи дарахтонаш нисбат ба кишти сабзавот хеле камтар эҳсос мегардад. Барои обёрии кишти зироат оби бо насос кашидашуда бо навбат ба хоҷагиҳо тақсим карда мешавад. Қаблан зироати мо аз канале об мехўрд, ки тавассути лўлаҳои диаметрашон хеле калон ҷорӣ шуда меомад. Ҳоло ин лўлаҳо дар қаламрави Қирғизистон мондааст ва марзбонони он намегузоранд, ки хоҷагиҳои фермерӣ истифода кунанд,– бо таассуф гуфт В. Ашўров.

Дарвоқеъ, ҳама ҷо сабзу хуррам аст. Дарахтони пурмеваи боғро дида кас худро дар байни биҳишт ҳис мекунад, аммо намедонад, ки ин ҷо расонидани оби обёрикунанда барои ин хоҷагиҳо то чӣ андоза мушкилиҳоро эҷод менамояд.

Ҳамин дам як мошини сафед аз роҳи калон тоб хўрд ва рост ба тарафи мо омад.

– Ба ҷиянам таъин карда будам, ки аз бозори деҳқонии маркази ноҳия бароям маҳсулоти лозимиро харида ояд. Ҳамсарам – Анорхон ба коргарон хўроки чошт мепазад. Вай омўзгор аст ва дар мактаби таҳсилоти ҳамагонии рақами 13 кор мекард. Ҳоло ҳарду вақти худро бештар дар ин ҷойҳои салқину хушҳаво мегузаронем,– иброз дошт В. Ашўров.

Ману Ваҳҳобҷон болои кате нишастем, ки дар як тарафи лаби ҳавз гузоштаанд ва болои он чанд кўрпача густурда шуда буд.

– Ман аз хурдӣ ба кишту парвариши зироат ва ниҳол шавқ доштам. Баъди таҳсил ба сифати иқтисодчӣ, муҳосиб чанд муддат дар дафтар нишаста кор кардам. Аммо дилам ҳамеша ба сўи саҳро моил буд. Вақте ки сардори бригада таъин шудам, танҳо супориши болоро иҷро мекардем. Ғайр аз он ки ба картошкакорӣ машғул шавем, боз ба дўши мо вазифаҳои дигарро низ мегузоштанд. Аз ҷумла, дар мавсими пахтачинӣ маҷбур мешудем, ки корҳои худро як сў гузошта, бо чанд тан аъзои бригада даҳрўзӣ ба пахтачинӣ равем,– мегўяд Ваҳҳобҷон.

Ба гуфтаи В. Ашўров даромади солонааш аз ҳисоби ҳосили дарахтону кишти зироати байни он бештар аз чилу панҷ-панҷоҳ миллион сўмро ташкил мекунад. Коргарони доимиву мавсимиаш низ ҳамеша аз вай хурсанданд.

Вай тазаккур дод, ки дар баъзе қисматҳои ноҳия баҳор хеле дер мерасад ва ҳатто моҳҳои апрелу май барфу борони шадид меборад. Чанд сол инҷониб вақти гули зардолу ҳаво сард шудаву як қисми ҳосили онро нобуд мекард. Хушбахтона, имсол ҳаво мусоид омад ва ҳосили дарахтони зардолуро дида ҳаваси кас бедор мешавад. Дар боғи вай навъҳои зардолуҳои мирсанҷалӣ, сўфонӣ ва ҷойдорӣ парвариш меёбанд ва ҳоло коргарон ба чидани он машғуланд.

Зимни бозгашт дидам, ки дар як кунҷи боғ қуттиҳои зиёди пури зардолуро қатор чидаанд. Интизор меравад, ки он аллакай харидори худро пайдо кардааст ва аз лаззати он сокинони чанд шаҳру навоҳии дигар баҳраманд хоҳанд шуд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири “Овози тоҷик”.**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

***Дар Ўзбекистон намояндагони миллатҳои гуногун чун фарзандони як оила дўстона ва дар сулҳу субот умр ба сар мебаранд. Боиси хурсандист, ки ба туфайли сиёсати оқилонаи давлати мо ҳар як миллат урфу одат, санъату маданияти худро нигоҳ медорад.***

# ДЎСТИИ ХАЛҚҲО БЕҲТАР АЗ ҲАМА ЧИЗҲОСТ...

Дар Агентии иттилоот ва коммуникатсияи оммавӣ бахшида ба 30 июл – Рўзи дўстии халқҳо нишасти матбуотӣ баргузор гардид.

Дар чорабинӣ роҳбарону кормандони Кумитаи муносибатҳои байнимиллӣ ва равобити дўстӣ бо мамлакатҳои хориҷии назди Девони Вазирон, фаъолони марказҳои фарҳангии миллии ҷумҳурӣ, роҳбарони ташкилотҳои давлатию ҷамъиятӣ, намояндагони соҳаи таълими халқ, масъулони ҳокимият, фаъолони Иттифоқи ҷавонон, вакилони ҷамоат ширкат варзиданд.

Раиси кумитаи номбурда Рустам Қурбонов тамоми ҳамватанонро бо Рўзи дўстии халқҳо муборакбод намуд ва таъкид кард, ки ба ин муносибат аз 30 июл то 7 август дар кишвари мо гузаронидани чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ, маънавию маърифатӣ, илмию амалӣ ба нақша гирифта шудаанд. Аз ҷумла, гуфта шуд, ки дар доираи фестивал ташкили чорабиниҳои идона ва барномаҳои консертӣ дар тамоми ҳудудҳои кишвар барпо мегарданд.

– Алҳол дар ҷумҳурӣ намояндагони чандин миллат кору зиндагӣ мекунанд. Байни онҳо соҳибони мукофотҳои давлатӣ, олимон, намояндагони халқ ҳастанд. Ҳоло дар ҳар як вилоят марказҳои миллию мадании миллатҳои гуногун фаъолият доранд, – гуфт раиси кумита.

Дар поёни чорабинӣ Р. Қурбонов ба саволҳои ходимони ВАО ҷавоб гардонд.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

*Дуруст бинависем*

# ДАР ОЛАМИ ВОЖАҲОИ ЯК ЗАБОНИ МУҚТАДИР

Забони форсӣ аз забонҳои бисёр қадима ва муқтадири дунёст, ки дар тўли таърихи дароз таҳаввулоти зиёдеро аз сар гузарондааст. Иқтидори ин забони шевову зеборо ҳамосаи безаволи Фирдавсӣ — «Шоҳнома», «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолуддин Балхии Румӣ, «Хамса»-ҳои Низомии Ганҷавӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, «Ҳафт авранг»-и Абдураҳмони Ҷомӣ, насри ривоятӣ ва садҳо девони шоирони рангинхаёл ба маъраз гузоштаанд.

Имрўз бо ин забони муқтадир, асосан, дар чаҳор кишвари дунё: Эрон, Тоҷикистон, Афғонистон, Ўзбекистон ва қисман дар Ҳиндустону Покистон табодули афкор менамоянд, китоб менависанд ва рўзномаву маҷалла чоп мекунанд.

Соҳибони ин забон дар кишварҳои ҳамсоя ва дигар минтақаҳои ҷаҳон низ буду бош доранд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки ҳамаи забонҳои дунё, аз он ҷумла забони форсии мо, поккории муттасилро тақозо дорад. Ин поккориро забоншиносон, ҳангоми тартиб додани фарҳангҳои гуногун (имло, тафсирӣ, соҳавӣ) ва шоиру нависандагон дар ҷараёни таълифи осори бадеӣ ба амал татбиқ менамоянд.

Форсии дарӣ, форсии тоҷикӣ ва форсии эронӣ ба масал се шохи танумандӣ як дарахт ё се шохоби як дарёи азиманд. Фикр мекунам, гарчи ин шох ё шохобҳо аз ҳам ҷудоянд, набояд баргу боришон рангу тамъи дигар дошта бошад...

Аз ин дидгоҳ, барои инҷониб хушоянд нест, ки вожаву калимаҳои дар се шох ё шохоб мустаъмал шаклу талаффузи мутафовит дошта бошанд. Бигирем, вожаҳои «меҳрбон», «Парвардгор», «парвардан», «парварда»-ро. Дар форсии тоҷикӣ ин вожаҳо дар шакли «меҳрубон», «Парвардигор», «парваридан», «парварида» истифода мешавад. Вале эрониёну афғонистониён вожаҳои мазкурро дар шакли «меҳрбон», «Парвардгор», «парвардан», «парварида» менависанд ва талаффуз мекунанд. Бисёр мехостам шакли форсии тоҷикии ин вожаҳо мутобиқ ба тарзи талаффуз ва навишти форсии эронӣ ва дарӣ бошанд. Калимаи «меҳрбон» аз ду реша: «меҳр» ва «бон», ки маънои парварандаи меҳр, меҳрварзро дорад, сохта шудааст. Суоле пайдо мешавад, ки дар байн пайвандаки «у» аз куҷо омадааст, магар он ягон вазифаро иҷро мекунад? Вожаи «Парвардгор» аз решаи «парвард» ва пасванди «гор», ки ифодакунандаи амал мебошад, таркиб ёфтааст. Суоле ба миён меояд, ки дар байн бандаки изофии «и» чӣ вазифаро иҷро мекунад? Чунин ба назар мерасад, ки дар вожаҳои «парвар(и)дан» ва «парвар(и)да» низ бандаки изофии «и» мавқеашро пайдо накардааст. Дар форсии эронӣ низ вожаҳое, ба мисли «пурса» (суол), «ҷилў» дучор меоянд, ки собиқаи таърихӣ надоранд, дар дигар шеваҳои форсӣ мустаъмал нестанд.

Имрўз мо тоҷикони Осиёи Марказӣ вожаи «авқот»-ро ба маънои хўрок, таом, ғизо истифода мебарем. Бародарони қазоқ ва ўзбек ин вожаро дар шакли «овқат» ба кор мебаранд. То ба наздикиҳо меандешидам: «авқот»-ро, ки шакли ҷамъи «вақт» аст, чӣ хел метавон истеъмол кард? Чанде қабл дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» (қисми 2) ба вожаи «ақвот» рў ба рў омадам, ки ба маънои «қут» ва «ғизо» омадааст. Пас, «авқот» шакли вайроншудаи «ақвот» аст. Натиҷагирӣ ин аст, ки агар мо «авқот»-ро ба маънои «вақтҳо» истифода барем, дуруст аст, вале «авқот» ба маънои «қут» ва«хўрок» саҳеҳ набошад.

Ин гуногуннависӣ ва талаффузҳои мутафовит ба забони ҳол мегўянд, ки омма вожаҳоро на ҳамеша дуруст талаффуз мекунад. Ҷойи шубҳа нест, ки эҷодкори забон халқ аст. Вале бе таҳлилу санҷиш, дар пайравии омма, ба таркиби луғавии забони меъёр ё адабӣ ворид намудани вожаҳо саҳлангорие беш нест. Кору амал хуб аст, ё бад, бар асари такроръёбӣ, ба одат табдил меёбад. Мисолан, маълум нест, ки гузаштагони мо кай вожаи «ақвот»-ро дар шакли «авқот» қабул кардаанд. Бо мурури вақт он дар шакли «авқот» кор хўрд, дар зеҳнҳо нишаст. Ҳоло ба имрўзиён гўед, ки «авқот»-ро дар шакли «ақвот» (мисолан, «ақвот хўрдам») бинависед ва талаффуз кунед, мутаҳаййир мешаванд. Ва ба гумон аст, ки хоҳиши шуморо бипазиранд...

Фикр мекунам, ки вақти таҷдиди назар намудан ба вожа ва ибораҳои мавриди истифода дар се шохаи забони форсӣ фаро расидааст. Чӣ хубӣ дошт, агар дар ин кори хайр ҳамзабонони хориҷии мо низ камари ҳиммат мебастанд. Зеро форсии тоҷикӣ, форсии афғонистонӣ ва форсии эронӣ як забонанд, на се забон.

**А. СУБҲОНОВ.**



*Дар вилояти Андиҷон корҳои ҳавасангез анҷом дода мешаванд. Бояд гуфт, ки дар панҷ соли охир намои маҳаллаҳо, шаҳру деҳот ва ноҳияҳои вилоят дигар шуданд. Корхонаҳои нави истеҳсолӣ, нуқтаҳои савдою хидматрасонӣ, манзилҳои зист, роҳҳои фарохи мумфаршкардашуда, хиёбони гулрез ба ҳусни минтақаҳо меафзоянд.*

*Дар тўли солҳои 2018-2022 дар 37 шаҳр, шаҳрак ва пунктҳои аҳолинишини вилоят татбиқи лоиҳаҳо пешбинӣ шудаанд. Тибқи нақшаҳои дарназардошта дар адирҳо хонаҳои бисёрошёнаи замонавӣ қад мекашанд.*

*Соли ҷорӣ дар вилоят ҷамъ 216 хонаи бисёрошёна барои 5 ҳазору 526 оила сохта мешаванд. Аксарияти чунин хонаҳо дар шаҳри Андиҷон барпо мегарданд. То ҳоли ҳозир 13 манзили зист ба истифода дода шудааст.*

***Дар акс:** хонаҳои навбунёд.*

***Аксбардор: З.УМУРЗОҚОВ (ЎзА).***

*Пресс-тур*

# МАҚСАД – ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ МАҲСУЛОТИ ХЎРОКВОРӢ

***Сол то сол зиёд шудани аҳолӣ, тағйир ёфтани иқлим, кам шудани заминҳои кишт, коҳиш ёфтани ҳаҷми умумии захираҳои об дар саросари ҷаҳон муаммои таъмини бехатарии хўроквориро ба миён меорад.***

Боиси хушнудист, ки сарвари давлатамон Шавкат Мирзиёев дар самти таъмини бехавфии озуқаворӣ якчанд ҳуҷҷати меъёриро ба имзо расонид.

Дар пресс-туре, ки таҳти ташаббуси Садорати «Ўзагроинспексия»-и вилояти Самарқанд доир гардид, эътибор маҳз ба масъалаи омодасозии маҳсулоти босифати табиӣ нигаронда шуд.

Нахуст ба мавзеи Боғибаланди шаҳр рафта, аз фаъолияти хоҷагии фермерии пири барнодили 83-сола Абдуҳалим Рашидов дидан кардем ва бо корҳои муфиду ибратбахши ў аз наздик шинос шудем.

Дар ин ҷо диққати моро дарахтони бисёрсола ва азимҷуссаи анҷир ба худ кашид.

– Шояд ин дарахтони бисёрсоларо бобо ва бобокалони мо сабзонида бошанд, – бо фахр гуфт мўйсафед. – Ривоят мекунанд, ки Амир Темур ба анҷирзор асос гузошта, дар атрофи шаҳри Самарқанд боз 14 боғ барпо кардааст.

Фақат дар ҳамин ҷо анҷир парвариш карда мешавад, ки ин бесабаб нест. Чунки насими форами дарёи Зарафшон вазида, ҳатто шабона гармии сангҳои тали Чўпонато ба дарахтони анҷир фоида меорад.

Дар Самарқанд ягона дарахте, ки ду маротиба ҳосил медиҳад, ин анҷир аст.

Масалан, мо аллакай меваи хокии анҷирҳоро чида, ба мардуми маҳаллӣ ва меҳмонони олиқадри шаҳрамон пешкаш кардем. Акнун навбати ҳосили тирамоҳӣ аст. Лекин барои ба даст овардани ҳосили фаровон, мебояд заҳмати зиёд кашид. Масалан, танҳо барои хокпўш кардани анҷир беш аз 20 миллион сўм лозим.

Дар идома мо ба мавзеи дурдасти Тўққизбойи ноҳияи Ҷомбой рафтем. Дар ин ҷо маъмурияти хоҷагии фермерии «Оҳалик олтин боғлари», ки дар ноҳияи Самарқанд нуфузи хосаро дорад, заминҳои бекорхобидаро гирифта, ба боғу киштзор табдил додаанд.

– Мо дар замини худ 240 дона батареяҳои офтобиро гузошта, аз нури офтоб нерўи барқ ҳосил мекунем ва дар кори боғдорӣ аз он истифода мебарем, – гуфт роҳбари хоҷагии фермерӣ Фурқат Аҳадов. – Барои обёрии ниҳолҳо аз оби чоҳҳои артезианӣ истифода мебарем.

Аллакай ҳосили аввали боғро ба бозор баровардем. Хулоса, самараи саховати замини кишоварзиро аз офтоб дида истодаем. Ният дорем, ки дар оянда майдони боғро ба 1000 гектар расонем.

Манзили навбатии мо хоҷагии фермерии «Гулнигор нурли даласи»-и ноҳияи Ҷомбой, ангурзори боғбони соҳибтаҷриба ва асил Ибодулло Маматқулов шуд.

– Чор-панҷ сол пеш ба водии Фарғона сафар кардам, – лаб ба сухан кушод Маматқулов.–Диққати маро ангурпарварии онҳо ба худ кашид ва баъди бозгашт бо истифодаи усули босамари ангурпарварони водии Фарғона қариб 15 гектар заминро ба иҷора гирифта, дар 6,5 гектар токзор ташкил кардем. Дар аввал аз кишоварзони соҳибтаҷрибаи Фарғона маслиҳатҳо мегирифтам. Ҳозир тамоми корҳои боғро аъзои оила, хешу пайвандон иҷро мекунанд.

Аз ҳозир то тирамоҳ ба бозори Самарқанд маҳсулоти худро ба фурўш мебарорем. Як сар ангур 2-3 килограм вазн дорад.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик» дар**
**вилояти Самарқанд.**

*Дар мавзӯи муҳим*

# НАШЪАМАНДӢ МУОЛИҶАШАВАНДА АСТ, ЛЕКИН...

Дар ҷумҳурии мо мисли баъзе кишварҳо нашъамандӣ он қадар паҳн нашуда бошад ҳам, пешгирии он вазифаи ҳар як шахси солимфикр ҳисоб меёбад. Бояд ёдовар гардид, ки истифодаи моводи нашъаовар амали ғайриқонунӣ ба ҳисоб меравад. Барои пешгирии он дар қонунгузории ҳукумат чораҳои зиёд андешида шудааст. Инчунин, ҷавобгарии сахт ва ҷазои мувофиқ ҳам андешида шудааст. Қайд кардан бамаврид аст, ки он нафароне, ки ба нашъамандӣ машғуланд, кӯдаконашон заиф, нобино ва камақл, яъне маълул таваллуд мешаванд, ки бояд аз оқибати он андеша намуд.

Ҷоиз медонем бигӯем, ки нашъамандӣ дар натиҷаи истифодаи дуру дарози моддаҳои нашъагӣ ба вуҷуд меояд. Суръати ташаккул ва бедоршавии майли бемор ба моддаҳои нашъагӣ ба наркогенийт вобастагӣ дорад. Наркогенияти калонтаринро доруҳои афюндор ва моддаҳои аз он ҳосилшаванда (морфин, корфин, промедол, героин) наркогенияти хурдтаринро гашиш (банг) дорост. Дар ҳолати истифода аз ин моддаҳо инсон зуд ба нашъа одат мекунад ва бе он худро бад ҳис менамояд. Пас, аз истифодаи моддаҳои нашъаовар инсон ба чунин ҳолате гирифтор мешавад, ки масъулият ва вазифаашро фаромӯш мекунад.

Махсусан, ҷавонон зуд талқиншаванда ҳастанд ва ба доми нашъамандӣ тез гирифтор мешаванд. Ҷавонони ба ин одати бад гирифторшуда худашонро идора карда наметавонанд. Ақлу хирад, донишу заковат аз онҳо дур мешавад. Бояд ҳар як падару модар фарзанди худро назорат намоянд, дар ҳолати мушоҳидаи он ки писарашон ба нашъамандӣ машғул аст, зуд ба табибон муроҷиат кунанд.

Ёдовар мегардем, ки агар сари вақт муроҷиат нанамоянд, оқибат вай ба бемории рӯҳӣ мубтало ва ба марг оварда мерасонад.

Дар наҷотдиҳии ҳаёти беморони сахт заҳрнокшуда кам кардани моддаҳои заҳрогин дар организми бемор яке аз омилҳои асосӣ ба ҳисоб меравад. Истифодаи усулҳои нави муолиҷаи пешгирии заҳролудшавӣ (хунтозанамоӣ, зардоб тоза намудан ва хунивазнамоӣ) ба пастшавии ҳолати марговар ҳангоми заҳрнокшавии вазнин мусоидат менамояд.

Ҳамин тавр, агар ба нишондодҳои болоӣ амал намоем, беморҳои вазнинтарини нашъамандро ҳам муолиҷа кардан мумкин аст.

Беҳтараш он аст, ки аз ин балои марговар фарзандонамонро дур нигаҳ дорем. Ба ин хотир бори дигар гуфтанием, ки аз нашъамандӣ бипарҳезед.

**Юсуфалӣ ГУЛОВ,**
**сардухтури шифохонаи бемориҳои сироятии ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё.**

# ДОНИШ ШАВАД ЗИ ОЗМОИШ ФУЗУН

## Қабули ҳуҷҷатҳои довталабон ба муассисаҳои таълими олӣ анҷом ёфт

***Бояд гуфт, ки сол то сол адади ҷавононе, ки хоҳиши идомаи таҳсилро дар муассисаҳои таълими олӣ доранд, меафзоянд. Бино ба ҳолати 25-уми июл ба муассисаҳои таълими олии кишвар 1 071 455 нафар довталаб ҳуҷҷат супоридаанд. Дар радифи боргоҳҳои таълими олӣ, ки аз рӯйи қабули ҳуҷҷатҳои довталабон пешқадаманд, Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов низ қарор дорад. Хуб, ҷараёни қабули ҳуҷҷатҳо ба ин донишгоҳ, ки яке аз мактабҳои олии бонуфузи Осиёи Марказӣ ба шумор меравад, чӣ гуна сурат гирифт? Мо бо чунин суол ба проректори донишгоҳ доир ба корҳои таълим, доктори фанҳои физика-математика Аҳмадҷон СОЛЕЕВ муроҷиат намудем.***

– Мувофиқи фармоиши сарвари давлат аз 15-уми июни соли 2022 “Дар бораи параметрҳои фармоиши давлатӣ оиди қабул ба муассисаҳои давлатии таълими олӣ дар соли хониши 2022/2023” як қатор чорабиниҳо амалӣ гардид, – гуфт Аҳмадҷон Солеев. – Номзади фанҳои ҳуқуқшиносӣ Раҳматуллоҳ Мирзоев мудири шӯъбаи қабул таъин гардид. Ва аз 20-уми июн ба тариқи онлайн дар сайтҳои my.dtm.uz ва my.gov.uz ба рӯйхат гирифтани довталабон оғоз ёфт. Бояд гуфт, ки қабули онлайни ҳуҷҷатҳо барои на танҳо довталабон, балки барои волидони онҳо низ хуб шуд. Солҳои пеш ҷавонон ноилоҷ аз минтақаҳои дурдаст ба маркази шаҳр меомаданд. Соатҳо навбат меистоданд. Дар натиҷа ҳам асаби волидайну наздикони онҳо вайрон мегардиду ҳам харҷи барзиёд мешуд. Инак ҳоло ин ҳама барҳам хӯрд ва довталабон метавонанд аз гӯшаи дилхоҳ ҳуҷҷатҳои худро ба панҷ самти писандидаи хеш супоранд. Боз як навигарӣ он аст, ки имсол ҳангоми санҷишҳои тест ба довталабон ҷадвали формулаҳои асосӣ дода мешавад. Ғайр аз ин, онҳо аз ҷадвали даврии элементҳои кимёвии Д.Менделеев, ҷадвали катакҳои физикаи доимӣ ва аломатҳои шартӣ истифода намуданашон мумкин аст.

**– Дар қабул ба муассисаҳои таълими олӣ киҳо имтиёз доранд?**

– Хатмкунандагоне, ки дар олимпиада, мусобиқа ва озмунҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ғолиб гардидаанд. Ҷоизадорони мукофотҳои ба номи Зулфия, «Ниҳол», «Ҳамшира», «Мард ӯғлон», бачагони ятиме, ки комилан зери парастории давлат ҳастанд, фарзандони хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ ва мақомоти корҳои дохилӣ, инчунин боз якчанд имтиёз, ки дар матбуот эълон шудааст.

**– Имсол санҷишҳои тест дар куҷо гузаронида мешавад?**

– Имтиҳонҳои қабул дар панҷ майдони кушоди вилоят: дар варзишгоҳи «Нурафшон»-и шаҳраки Кимёгарон, варзишгоҳи ҷавонон ва наврасони шаҳраки Саратепа, варзишгоҳи Рустамқишлоқи ноҳияи Самарқанд, варзишгоҳи маркази ноҳияи Ҷомбой, варзишгоҳи шаҳраки Даҳбеди Самарқанд дар ду баст хоҳад гузашт. Таъкид кардан ҷоиз аст, ки пас аз эълон шудани рӯзи имтиҳонҳо ба рақами телефоне, ки довталабон тавассути онлайн сабти ном кардаанд, дар бораи ҷойи имтиҳон дар шакли «смс» маълумот ирсол мегардад.

**– Оиди қабул ба гурӯҳҳои тоҷикии донишгоҳ чанд сухан мегуфтед.**

– Дар соли таҳсили 2022-2023 ба гурӯҳи тоҷикии филология ва бозомӯзии забонҳои донишгоҳ ҷамъ 30 нафар қабул карда мешаванд, ки аз он 10 нафар бо гранти давлатӣ ва 20 нафар дар асоси шартнома. Инчунин, дар ҳамин факултет шакли таҳсилоти ғоибона ва шабона роҳандозӣ гардидааст. Ба шуъбаи ғоибона 25 нафар ва ба шуъбаи шабона ҳам 25 нафар донишҷӯ, ҷамъ 50 нафар дар асоси шартнома қабул карда мешавад.

Ғайр аз ин, дар Донишкадаи омӯзгории Ӯзбекистон – Финландияи тобеи Донишгоҳи давлатии Самарқанд низ як қатор гурӯҳҳои тоҷикӣ амал мекунанд. Дар соли таҳсили 2022-2023 ба гурӯҳҳои тоҷикии таълими томактабӣ ва таълими ибтидоӣ 25 нафарӣ донишҷӯ (7 нафарӣ дар асоси грант ва 18 нафарӣ дар асоси контракт), ба гурӯҳи математика 20 нафар (8 нафар буҷет ва 12 нафар контракт), физика, кимиё ва биология 16 нафарӣ донишҷӯён (4 нафарӣ бо гранти давлатӣ ва 12 нафарӣ дар асоси шартнома) қабул карда мешаванд.

Илова бар ин, ба гурӯҳи тоҷикии таълими технологии донишкада 20 нафар — 5 нафар дар асоси буҷет ва 15 нафар дар асоси контракт қабул карда мешаванд.

**– Шумо ҳамчун устоди собиқадор ба довталабон чӣ таманно доред?**

– Бо ғамхории сарвари давлатамон бо мақсади минбаъд васеъ гардондани фарогирии ҷавонон ба таълими олӣ, пурзӯр гардондани рақобати солим байни ташкилотҳои таълими олӣ, инчунин, соҳиби илму дониши замонавӣ шудани насли наврас ва фароҳам овардани шароити мусоид барои таҳсил чорабиниҳои зарурӣ андешида мешавад.

Дар соли таҳсили 2022-2023 ба донишгоҳ қабули беш аз 2500 нафар донишҷӯ дар назар аст, ки аз онҳо 765 нафар дар асоси гранти давлатӣ қабул хоҳанд шуд. Бояд таъкид намуд, ки асоси ҳама гуна пешравӣ, тараққиёт маҳз илму дониш аст.

Аз бузурге пурсидаанд, ки умрро ба кадом шуғл сарф бояд кард? Вай гуфтааст, ки ба таҳсили илм. Бояд бидонем, ки барои инсон ҳеҷ шуғле фозилтар ва гуворотар аз илм нест.

Суҳбатнигорон
**Муродулло ТИЛЛОЕВ,**
**Зоҳир ҲАСАНЗОДА.**
*Вилояти САМАРҚАНД.*



*Тобистони хуррами бачаҳо*

# ПИСАРОНУ ДУХТАРОНИ ҚАРОҚАЛПОҚИСТОН ДАР НАМАНГОН

Ҳамкории дӯстонаи вилояти Наманган бо ноҳияи Қораӯзаки Қароқалпоқистон хуб ба роҳ монда шудааст. Аз тарафи ҳокимияти вилоят дар ноҳия як қатор корҳои ободонию бунёдкорӣ ба роҳ монда шудааст.

Ба қарибӣ бо ташаббуси Иттифоқи касабаи Ӯзбекистон 120 нафар писарону духтарон аз ноҳияи Қораӯзак барои шавқовар ва бофароғат гузарондани таътили тобистонаашон ба вилояти Наманган сафар намуданд. Меҳмононро дар вокзали роҳи оҳани шаҳри Наманган мизбонон бо карнаю сурнай пешвоз гирифтанд. Аз тарафи санъаткорони вилоят сурудҳо садо доданд.

Барои бачагони қароқалпоқ дар истироҳатгоҳи бачагонаи «Соҳил»-и ноҳияи Косонсой ҳамаи шароитҳо фароҳам оварда шудааст. Меҳмонон ба гурӯҳҳо тақсим шуда бо хобгоҳ, ошхона, китобхона, майдончаҳои варзишӣ, хонаҳои маънавият ва маърифат ва ҷойҳои ҷолиби диққати истироҳатгоҳро дидан карданд. Онҳо дар ин ҷо баробари истироҳат кардан, вақти холиашон дар чорабиниҳои маданию маърифатӣ, мусобиқаҳои варзишӣ, аз-назаргузаронӣ-озмунҳои гуногун иштирок карда, истеъдодашонро намоён мекунанд. Баъди истироҳати бофароғат ба оғӯши падарону модаронашон солим бармегарданд.

– Аз ҷойҳои хушманзара ва табиати дилфиреби нотакрори ноҳияи Косонсой дар ҳайрат мондем. Аз мобайни истироҳатгоҳ оби Косонсой аз санг ба санг зада ҷорӣ мешавад. Ин як мӯъҷизаи табиат аст, – гуфт омӯзгор аз ноҳияи Қораӯзак Айнура Ҷумамуратова.

– Кормандони истироҳатгоҳи «Соҳил» моро бо хушу хурсандӣ пешвоз гирифтанд. Аз ин меҳмондӯстии косонсоиён хурсандиамон ҳадду канор надошт. Мо дар истироҳатгоҳ 15 рӯз истироҳат мекунем, – гуфт роҳбаладӣ ҷавонон Зиёда Серсенбоева.

**А. МУРОДОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАМАНГОН.*

*Дар мавзӯи муҳим*

# ЗЕБО, ХУШДӮХТ ВА ҚУЛАЙ

***Ба либоси нави мактабӣ, ки дар муддати кӯтоҳ истеҳсол намудани онро корхонаҳои бофандагии ватанӣ ба ӯҳда гирифтаанд, чунин баҳо додан мумкин аст. Ҳарчанд то оғози соли хониш як моҳ вақт монда бошад ҳам, аксарияти падару модарон барои фарзандонашон аллакай ба харидани ашёи мактаб, асбобҳои хониш, портфел шурӯъ намуда, либоси зебо ва хушдӯхти мактабиро аз назар мегузаронанд.***



Бо ташаббуси хидмати ахбори иттиҳодияи “Ӯзтекстилпром” рӯзноманигорон ба корхонаву марказҳои савдои пойтахт сар халонда, вазъи либоси мактабиро, аз дӯхт то фурӯш дида баромаданд.

– Дар назди корхонаҳои истеҳсолӣ ва ширкатҳое, ки ба иттиҳодияи мо дохиланд, вазифа гузошта шуд, ки барои миллионҳо нафар талабагони мактабҳои миёнаи ҷумҳурӣ истеҳсоли либоси махсуси мактабиро, ки ба андозаи ҳозираи сифат ҷавобгӯ аст, ташкил кунанд, – мегӯяд котиби хидмати ахбори “Ӯзтекстилпром” Шаҳзода Қӯчқорова.

– Гузариши хонандагон ба либоси махсуси мактабӣ марҳила ба марҳила, дар тӯли чанд сол идома хоҳад ёфт. Мутахассисони мо рӯйхати 560 корхонаи кишварро тартиб додаанд, то мактаббачагонро бо либоси мактабии босифат, хушдӯхт ва аз ҷиҳати экологӣ тоза таъмин намоянд. Ин корхонаҳо соле 45 миллион маҷмӯи либоси мактабӣ истеҳсол мекунанд. Ба оилаҳои камтаъмин барои харидани сару либоси мактабӣ аз ҳисоби буҷаи маҳаллӣ ва фонди “Дафтари оҳанин”, “Дафтари ҷавонон” ва “Дафтари занон” маблағ ҷудо карда мешавад.



Бояд гуфт, ки барои истеҳсоли либоси мактабӣ 26 миллион метри мураббаъ матоъ чун ашёи хом сарф мегардад. Иқтидори солонаи истеҳсолии корхонаҳое, ки дар ҳафт ноҳияи ҷумҳурӣ фаъолият мебаранд, 179 миллион метри мураббаъ, иқтидори моҳона 10-14 миллион метри мураббаъ матоъро ташкил медиҳад.

Ҳамин тавр имкониятҳои мавҷуда эҳтиёҷоти ашёи хомро барои истеҳсоли либоси мактабӣ амалан пурра қонеъ карда метавонанд.

Корхонаҳои бофандагӣ то охири моҳи июли соли ҷорӣ беш аз 1,5 миллион маҷмӯи либоси мактабӣ истеҳсол намуда, фурӯхтаанд.

Иқтидори истеҳсоли либоси мактабӣ фақат дар вилояти Тошканд ва шаҳри Тошканд беш аз 5 миллион маҷмӯъро ташкил медиҳад.

Боздиди намояндагони ВАО аз корхонаи ҶММ “Бобур саноат сервис” оғоз гардид. Корхона алҳол ба дӯхтани маҷмӯи либосҳо барои мавсими тирамоҳу баҳор машғул аст, баъдан ба дӯхтани намуди зимистона барои духтарону писарон шурӯъ хоҳад кард. Дар дӯхтани либоси махсус барои ташкилотҳои мухталиф таҷрибаи корхонаи хусусии “Артикор Я.а.Р.”, ки роҳбари он Яйра Убайдуллоева мебошад, ниҳоят пешсаф аст.

– Либоси махсуси мактабӣ байни хонандагон баробариро нигоҳ медорад, ба тарбия, азхудкунии дарс, интизоми хуби онҳо мусоидат менамояд, – мегӯяд ҳангоми суҳбат Я. Убайдуллоева. – Солҳои зиёд аст, ки ба дӯхтани либос, интихоби матоъ, дизайни маҳсулоти тайёр машғулам. Намудҳои либоси мактабӣ барои муассисаҳои таълимии Ӯзбекистон ҳамаҷониба кор карда шуда, дар он инъикоси анъанаҳои миллӣ ба инобат гирифта шудааст.

Мо дар яке аз мағозаҳои савдо бо Гулноза Эшметова, модари ду хонандаи мактаб – хонандаи синфи ҳафтум Фарҳод ва хонандаи синфи чорум Фирӯза суҳбат оростем. Тарҳрезии форма, сифат ва дӯхти он ба Гулноза писанд омадааст. Моҳи сентябр фарзандонаш бо либоси нави зебою хушдӯхт ба мактаб хоҳанд рафт.

**Сергей МИХАЙЛОВ.**
**Суратгир: Р. ГАЛЕЕВ.**

# ТОКПАРВАРОН ТАҶРИБА ИВАЗ МЕКУНАНД

Вақте ки аз боби ангуру мавизи Фориш сухан меравад, як ҳикоят ба хотир мерасад. Замони Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ як ҷанговари форишӣ тир хӯрда, ярадор мешавад, духтурон дар госпитали шаҳри Маскав ӯро ҷарроҳӣ мекунанд. Ва ҳамин ки ҳоли бемор қадре беҳ мешавад, тавсия медиҳанд, ки барои қувват гирифтану хуни талафдодаро барқарор намудан ва баҳри зуд ба по хестан мавиз истеъмол намояд.

Ба ӯ дар халтачаи хурд қадре мавиз медиҳанд. Мегӯянд, ки ин меваи хушк аз ватани ту омадааст. Дарҳақиқат, солҳои ҷанг аз ақибгоҳ тахти шиори ҳама чиз ба ҷанг, ҳама чиз барои ғалаба аз Ӯзбекистон вагон-вагон маҳсулот, чизу чора, сарулибоси гарм мефиристоданд. Тасодуфро бинед: ҳамон мавизе, ки дар шифохона барои беморон медоданд, аз ангурҳои замини Фориш тайёр карда шуда будааст.

Имрӯзҳо ҳам мардуми деҳаҳои Кӯҳнабозор, Сайёд, Османсой, Анамуна, Илончӣ дар заминҳои наздиҳавлии худ ток мепарваранд, мавизро хушконида дар бозор мефурӯшанд.

Барои вусъат додани токпарварӣ дар ноҳия кластер таъсис ёфтааст. Ин корҳоро дар заминҳои тахту ҳамвор амалӣ мегардонанд. Ба наздикӣ бо сарварии ҳокими ноҳия Икром Маътиев дар назди заминҳои кластери «Аҳмадота файз» семинари аёнӣ доир гардид. Дар он ёрдамчиёни ҳоким, раисони маҳаллаҳо, фермерҳо ширкат варзиданд. Таъкид гардид, ки таҷрибаи токпарварии боғбонони ноҳияи Олтиариқи вилояти Фарғона омӯзондаву ҷорӣ карда шавад. Ҷавонон ҳар чи бештар дар кори токпарварӣ бо шуғл фаро гирифта шаванд.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон тахти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-825. Адади нашр 4737 ҳаҷм 2 чузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
А. Субҳонов.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 03.00

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.